# ХУЛОСАИ

комиссияи ташхисии Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-045-и назди Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” оид ба диссертатсияи Бобоева Шоиста Ҳакимовна дар мавзӯи «Методикаи истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ-иртиботӣ дар раванди таълими фанҳои графикии донишгоҳҳои омӯзгорӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D010700 – Санъати тасвирӣ ва нақшакашӣ пешниҳод гардидааст.

Имрӯзҳо дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти инсоният ворид намудани технологияҳои иттилоотӣ - иртиботии муосир ба ҳукми анъана даромадааст ва ташкили самараноки он яке аз масъалаҳои асосӣ ба ҳисоб меравад. Барои дар сатҳи лозимӣ ва ба талаботи муосири бозори меҳнат ҷавобгӯ омода намудани кадрҳо, бахусус кадрҳои соҳаи омӯзгорӣ дар назди маорифчиёни кишвар масъулияти нав гузошта мешавад. Мусаллам аст, ки дар ин замина зарурати омода намудани консепсияи нави таълиму тарбия ва ворид намудани технологияҳои муосири иттилоотӣ - иртиботӣ дар раванди таълим муҳим мебошад. Аз ин рӯ, иттилоотонидани соҳаи маориф, яке аз самтҳои муҳимми иттилоотонидани ҷамъият ба ҳисоб рафта, барои дар оянда дар сатҳи лозимӣ омода намудани мутахассисони ҷавон замина мегузорад.

Дар натиҷаи рушди босуръати ҳамаи соҳаҳои илму маориф, фаъолияти омӯзгорон ҳар рӯз дар ҳолати рушду густариш буда, тағйирёбии ҷиддиеро аз сар мегузаронад. Дар замони муосир компютер дар ҳамаи соҳаҳо ба таври васеъ истифода мешавад. Ҳоло ба муҳассилин доштани дониш ва маҳорати дастӣ тасвир намудани нақшаҳо кофӣ набуда, онҳо бояд аз муассисаҳои таълимӣ ба омӯзиши асосҳои графикаи компютерӣ шурӯъ намоянд. Самаранок роҳандозӣ намудани ин раванд аз омӯзгори фанҳои графикӣ вобастагии зиёд дорад. Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки ба таври ҳамешагӣ ба мутахассисони ҷавони

соҳаи омӯзгорӣ имкониятҳои технологияҳои муосирро тадрис намуда, онҳоро ба талаботи бозори имрӯзаи меҳнат бояд мутобиқ намоянд.

Навгонии илмии тадқиқот дар он аст, ки аз ҷониби докторант методикаи истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ-иртибртӣ дар раванди таълими фанҳои графикӣ таҳия гардида, бо воситаи таҷрибаи озмоишӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудааст;

- Зарурат ва имкониятҳои истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар раванди таълими фанҳои графикӣ муайян гардидааст;

- Бори аввал дастурҳои таълимӣ -методӣ оид ба омӯзиши барномаҳои графикии AutoCAD ва ArchiCAD барои донишҷӯёни донишгоҳҳои омӯзгорӣ ба нашр расонида шудааст;

- Тавсияҳои назариявӣ ва амалӣ доир ба методикаи истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ-иртиботӣ дар раванди таълими фанҳои графикӣ дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ пешниҳод шудаанд;

- Дар дастурҳои таълимӣ-методии коркардгардида ҷиҳатҳои дидактикии принсипи аёният дар таълим асоснок карда шудааст;

- Зарурат ва ба мақсад мувофиқ будани истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар таълими фанҳои геометрияи тасвирӣ ва нақшакашӣ собит карда шудааст;

- Муайян карда шудаст, ки истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар ҷараёни таълим ба самарнок гардидани донишазхудкунии донишҷӯён таъсири мусбат мерасонад.

Диссертатсияи мазкур ба талаботи банди 44-и Низомномаи намунави оид ба Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона иҷро шуда, мазмуну муҳтавояш ба мавзую мақсадҳои таҳқиқот мувофиқат менамояд. Натиҷа ва нуқтаҳои навини илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда, саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Мавзӯъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 6D010700 – Санъати тасвирӣ ва нақшакашӣ, ки аз руйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 4-уми декабри соли 2018, таҳти №140 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамзамон таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз руйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвони илмӣ дода мешавад, мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 27 мақолаҳои илмию датурҳои таълимӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ба табъ расонида шудаанд ва ҳамаи онҳо бо мазмуну мундариҷа ва мавзуи рисолаи илми бевосита алоқаманд мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикос ёфтаанд.

Саҳми шахсии докторант дар таҳқиқ ва ба даст овардани натиҷаҳо тавассути навъҳои гуногуни фаъолият: илмӣ, педагогӣ, ташкилӣ ва методӣ зоҳир гардидааст.

Натиҷаҳои ҳосилшуда, ки дар хулосаҳои ҷамбастии диссертатсия ифода ёфтаанд, фарзияи таҳқиқотро тасдиқ менамоянд ва ҳаллу фасли доираи масъалаҳои онро собит месозанд.

Автореферат мутобиқ бо мантиқи таҳқиқ таҳия гардида, муҳтавои асосии таҳқиқотро инъикос менамояд. Натиҷаҳои илмие, ки унвонҷӯ ба даст овардааст, ба ихтисоси 6D010700 – Санъати тасвирӣ ва нақшакашӣ (илмҳои педагогӣ) мувофиқат мекунанд.

Дар таҳқиқоти диссертатсионии Бобоева Шоиста Ҳакимовна истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд нест. Ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 109-и Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар баробари ин дастовардҳо дар диссертатсия ҷо-ҷо ғалатҳои имлоӣ, нодуруст гузоштани аломати китобат ва баъзе ғалатхонӣ ҳам ба назар расид, ки ислоҳи онҳо кори мушкил нест. Ҳамчунин, саҳифаи умумии бархе аз осор дар феҳристи адабиёт гузошта нашудааст, ки тавсия мешавад, ки дар кутоҳдарин фурсат онҳо ислоҳ карда шаванд. Ин камбудиҳо хислати ҷузъӣ дошта, ислоҳи онро ба манфиати кор хоҳад буд. Амри муҳим ва қобили таъкид он аст, ки арзиш ва аҳамияти илмии кори диссертатсионӣ қобили таъкид ва таҳсин аст.

Комиссияи ташхисӣ тибқи банди 55-и Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидааст, пешниҳод менамояд:

1. Кори диссертатсионии Бобоева Шоиста Ҳакимовна дар мавзӯи «Методикаи истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ-иртиботӣ дар раванди таълими фанҳои графикии донишгоҳҳои омӯзгорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D010700 – Санъати тасвирӣ ва нақшакашӣ, ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA - 045-и дар назди МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” мувофик буда, шоистаи пешниход ба дифоъ мебошад.

2. Комиссияи ташхис муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмию тадқиқотиашон ба самти ихтисос мувофиқ аст, барои диссертатсияи мазкур ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

**1). Мирзоев Абдулазиз Рачабович** - доктори илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи низоми иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат.

**2). Юсупов Саид-Акрамхоҷа Муминович** - номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи нақшакашии муҳандисии Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон.

1. **Ба сифати ташкилоти пешбар -** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

2. Барои нашри эълон оид ба ҳимоя ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

3. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

Раиси комиссия:
доктори илмҳои педагогика,
аъзои вобастаи АТТ, профессор Нугмонов Мансур

Аъзоёни комиссия:
номзади илмҳои педагогика,
дотсент: Олов С.

номзади илмҳои педагогика,
дотсент: Азимова Н.С.